**Резаахбор**

## Дар бораи пешниҳоди имтиёз ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ оид ба иҷрои меъёри захираҳои ҳатмӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд

Вобаста ба идомаёбии авҷи пайомадҳои пандемияи коронавирус (COVID-19) ва номуайяниҳо дар сатҳи иқтисодиёти ҷаҳон, бо мақсади дастгирии пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, беҳтар шудани вазъи молиявии низоми бонкӣ ва баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба он, аз ҷониби Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод гардид, ки иҷрои меъёри захираҳои ҳатмӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд (бо пули миллӣ 3 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 9 фоиз) аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар муҳлати семоҳаи якуми соли 2021 (моҳҳои январ – март) қисм ба қисм амалӣ карда мешавад.

***Сатҳи таваррум ва омилҳои таъсиррасон.*** Тибқи интизориҳои Бонки Ҷаҳонӣ[1], дар соли 2021 низ фишорҳои таваррумӣ ҳам аз нигоҳи таъсири омилҳои талаботӣ ва ҳам таклифотӣ боқӣ хоҳанд монд. Дар асоси таҳлилҳои Бонки Ҷаҳонӣ эҳтимолияти идомаёбии паҳншавии пандемияи коронавирус (COVID-19), мушкилии дастрасии ваксина ва муаммоҳои молиявӣ бинобар зиёд будани уҳдадориҳои қарзӣ дар натиҷа метавонад боиси эҳтимолияти афзоиш ёфтани оқибатҳои манфӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон гардад.

Тибқи маълумоти оморӣ сатҳи таваррум дар соли 2020  9,4 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2019 1,4 банди фоизӣ зиёд мебошад. Ба болоравии сатҳи нархҳо асосан афзоиши нархи маҳсулоти ниёзи аввалия, аз ҷумла орд, шакар, равғани пахта, картошка, пиёз ва дигар маҳсулоти хӯроквори бо дарназардошти омилҳои дорои хусусияти мавсимӣ, таклифотӣ ва фишорҳои берунӣ вобаста ба авҷ гирифтани пандемияи коронавирус (COVID-19) ва дар ин замина маҳдуд шудани ҳамлу нақл тавассути сарҳади як қатор давлатҳои шарикони савдо таъсир расониданд.

***Сиёсати пулӣ ва интизории хавфҳо дар низоми бонкӣ.*** Дар давоми соли 2020 Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзимкунандаи пулию қарзӣ ва бахши бонкӣ дар қатори дигар бонкҳои марказӣ (миллӣ) бинобар хусусияти ғайримонетарӣ доштани омилҳои таваррумӣ сиёсати босамари пулию қарзиро пеш аз ҳама баҳри пешгирӣ намудани пайомадҳои манфии пандемияи коронавирус (COVID-19) дар низоми бонкӣ, баланд бардоштани сатҳи боварии аҳолӣ ба он ва дастгирии иқтисодиёти кишвар тавассути механизму фишангҳои худ татбиқ намуд.

Яке аз иқдомҳои муҳиме, ки Бонки миллии Тоҷикистон баҳри дастгирии низоми бонкӣ ва иқтисодиёти кишвар амалӣ намуд, ин муваққатан паст намудани меъёри захираҳои ҳатмӣ мебошад. Бо мақсади андешидани тадбирҳои саривақтӣ ва дастгирии пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, бинобар эҳтимолияти зиёд гардидани таъсири хавфҳои ба пандемияи сирояти нави коронавирус (COVID-19) вобаста, меъёри захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои

[1] World Bank, Global Economic Prospects, January 2021

дигари ба онҳо монанд, аз 1 апрели соли 2020 то 31 декабри соли 2020 бо пули миллӣ аз 3 фоиз то ба 1 фоиз ва бо асъори хориҷӣ аз 9 фоиз то ба 5 фоиз паст карда шуд (қарори Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, №19 аз 1 апрели соли 2020). Иқдоми мазкур имкониятҳо ва вазъи молиявии ташкилотҳои қарзии молиявиро дар давраи буҳронӣ беҳтар намуда, ба маблағи зиёда аз 241,7 млн.сомонӣ пардохтпазирии иловагиро барои низоми бонкӣ пешниҳод намуд.

Айни ҳол, баъд аз итмоми муҳлати имтиёзии меъёри захираҳои ҳатмӣ, бо назардошти зиёд гардидани интизориҳои таваррумӣ ташаккул додани меъёри захираҳои ҳатмӣ аз рӯи пасандозҳо бо пули миллӣ 3 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 9 фоиз аз вазъи молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ вобастагии зиёд дорад.

Ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар давоми соли 2020 новобаста аз таъсири пандемияи коронавирус (COVID-19) таҳти дастгириҳои Бонки миллии Тоҷикистон ба натиҷаҳои назаррас ноил гардида, вазъи молиявии онҳо нисбатан беҳтар ва вобаста ба ин, аксари нишондиҳандаҳои устувории молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ талаботҳои муқарраршударо иҷро намуданд.

Аз рӯи маълумотҳои омории ташкилотҳои қарзии молиявӣ бар меояд, ки иҷрои якбораи меъёри захираҳои ҳатмӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд (аз рӯи пасандозҳо бо пули миллӣ 3 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 9 фоиз) эҳтимолан метавонад дар вазъи молиявии баъзе аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ мушкилиҳоро эҷод намояд. Аз ин лиҳоз, Бонки миллии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки пардохти маблағҳои мазкур аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ давра ба давра амалӣ карда шаванд.

***Мавқеи сиёсати пулию қарзӣ.*** Бо дарназардошти омилҳои эҳтимолии болозикр ҷиҳати дастгирии пардохтпазирӣ ва додани имтиёз ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷониби Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон қарор қабул карда шуд, ки пардохти меъёри захираҳои ҳатмӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд (аз рӯи пасандозҳо бо пули миллӣ 3 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 9 фоиз), аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар муҳлати семоҳаи якуми соли 2021 (моҳҳои январ-март) қисм ба қисм амалӣ карда шавад.

Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ татбиқи сиёсати пайгиронаи пулию қарзиро ҷиҳати ноил гардидан ба сатҳи муътадили нархҳо дар давраи миёнамуҳлат ва таъмини пардохтпазирии низоми бонкӣ идома медиҳад.